# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиноснимаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳукуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ, пас аз ба даст овардани истиқлолият бо таҳдидҳои марбут ба экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ гардид. Давлат бо мақсади таҳкими амнияти миллӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқукро пайваста такмил медиҳад. Таҳқиқи илмии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар ҷомеаи иттилоотии муосир бо сабабҳои зерин аҳаммияти хоса дорад, яъне таъмини амнияти ҷомеа, назорати фазои маҷозӣ

(онлайн), пешгирии ифротишавӣ (радикализатсия), тадбирҳои ҳуқуқӣ ва заминаҳои иҷтимоию фарҳангӣ.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи илмии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм барои мубориза бо паҳншавии ғояҳои экстремистӣ (ифротгароӣ), таъмини амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва рушди сиёсати зиддиэктремистӣ ва стратегияҳои дахлдор муҳим аст.

Масъалаи муқовимат ба экстремизм ва даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм яке аз масъалаҳои мубрами амнияти миллӣ ва суботи ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамрадифи дигар кишварҳои минтақа, таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро эҳсос менамояд, ки ин хатарҳо ба амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ ҳамчун омили ҷалби ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, фаъолияти густурдаи таблиғотию ташвиқотии созмонҳои террористиро боз ҳам пурзӯр намудааст. Бинобар ин, муқовимати муассир ба экстремизм ва терроризм танҳо бо усулҳои низомӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Баръакс, он бояд фарогири таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешгирии бекорӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ ва таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ бошад. Муҳофизати ҷомеа аз идеологияҳои ифротӣ танҳо бо ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ имконпазир аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи таҳқиқоти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад ва таҳқиқи илмии масъалаҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

мубрамияти худро пурра собит менамояд. Ин таҳқиқот барои рушд ва таҳкими заминаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳим хоҳад гузошт ва дар оянда метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани қонунгузории ҷиноятӣ хизмат кунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, инчунин таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиши муфассал ва системавӣ қарор дода шудаанд. Таҳқиқоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки чунин нуқтаҳои муҳимро ба ҳимоя пешкаш намояд:

1. Бо мақсади ҳифзи шаҳрвандон аз таъсири иттилоотӣ ва рӯҳии деструктивии идеологияҳои экстремистӣ, махсусан дар муҳити фазои маҷозӣ (онлайн), ташкили механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ, ки ба пешгирии паҳншавии андешаҳои радикалӣ ва таҳкими амнияти киберӣ равона шудаанд, зарур мебошад. Яке аз қадамҳои калидӣ дар ин самт қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» ба шумор меравад, ки асоси ҳуқуқиро барои ҳифзи фазои иттилоотии кишвар фароҳам оварда, тадбирҳоро ҷиҳати муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ, аз ҷумла таблиғи экстремистӣ дар интернет, танзим менамояд. Илова бар ин, унсури муҳими пешгирии экстремизм татбиқи барномаҳои таълимӣ оид ба амнияти иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошад. Омӯзонидани шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба асосҳои саводнокии рақамӣ ба баланд бардоштани масунияти онҳо нисбат ба таъсири иттилоотии харобиовар мусоидат намуда, хавфи ҷалб гардидани онҳо ба шабакаҳои ташкилотҳои экстремистиро коҳиш медиҳад. Равиши ҳамаҷониба, ки тадбирҳои ҳуқуқӣ, таълимӣ ва технологиро дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки таҳдидҳои марбут ба паҳншавии идеяҳои экстремистӣ дар фазои рақамӣ самаранок бартараф гарданд ва заминаи иловагии ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти миллиро фароҳам оварад (саҳ.18-19 диссертатсия).

2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад (саҳ.19 диссертатсия).

3. Пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳҳои «ВАО», ё шабакаи интернет дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо (варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома ва китобчаҳо)» илова карда шавад (саҳ.19 диссертатсия).

4. Диспозитсияи м.307[1] КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

Моддаи 307[1]. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

1. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва ё сафедкунии оммавии экстремизм, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, - ... ҷазо дода мешаванд.

2. Ҳамин кирдор, агар бо истифода аз ВАО, ё шабакаи интернет ё дар дигар намуди нашрҳо содир шуда бошад, - ... ҷазо дода мешаванд.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда, агар;

а) нисбати ноболиғон;

б) аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир шуда бошад, - ... ҷазо дода мешаванд (саҳ.19-20 диссертатсия).

5. Дар сатҳи м.307[1] КҶ ҶТ эзоҳ дар шакли зерин илова карда шавад: «Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ.ро дар бар гирад» (саҳ.20 диссертатсия).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асосноккунии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот ироа шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм асос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлили васеъ қарор додааст.

Муаллиф тавассути омӯзиши адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ тавонистааст мафҳумҳо ва истилоҳоти калидии ҳуқуқиро вобаста ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, ба таври равшан ва дақиқ таҳлил намуда, таърифҳои нав ва ба талаботи замон мувофиқро пешниҳод намояд.

Гузаронидани таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ нишон медиҳад, ки

истифода аз таҷрибаи мусбати кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ дар самти таъмини амнияти давлат судманд бошад.

Дар таҳқиқот тавсияҳои мушаххас дар мавриди муайян кардани объект, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективӣ, инчунин хусусиятҳои субъекти ҷинояти мазкур пешниҳод шудаанд, ки татбиқи онҳоро дар амал осон мегардонанд ва ба фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва судӣ барои таъмини қонуният ва адолати судӣ кӯмак мерасонанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлил ва омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи воқеии тафтишотӣ-судӣ ба даст омадаанд ва барои таҳкими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати назаррас хоҳанд кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 220 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро

таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Сабабҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» пешниҳод гардидааст. Ин қисмати таҳқиқот аз ду зербоб иборат буда, масъалаҳои асосии зеринро мавриди омӯзиши васеъ ва амиқ қарор медиҳад: мафҳум, моҳият ва аломатҳои экстремизм: таҳлили доктриналӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ.

Дар доираи зербоби аввали боби якум муаллиф ба масъалаи мафҳум, моҳият ва аломатҳои экстремизм: таҳлили доктриналӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ Дар ин самт муаллиф масъалаҳои калидии назариявию ҳуқуқӣ ва меъёрие мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ба экстремизм ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ марбут мебошанд.

Зикр мегардад, ки бо дарназардошти вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, зарурати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва мутобиқ сохтани қонунгузории ҷиноятӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ, қонунгузори ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.307[1] КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои даъвати оммавӣ ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии чунин амалҳо пешбинӣ кардааст. Ин модда ҳамчун як унсури калидӣ дар низоми ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат қабул гардида, ҳадафи он таъмин намудани муҳофизати устувори давлатӣ аз таҳдидҳои марбут ба экстремизм мебошад. Қабули ин тадбир на танҳо як иқдоми ҳуқуқӣ, балки посухи мустақим ба таҳдидҳои рӯзафзун дар шароити муосири ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он

экстремизм ва ифротгарой ба унсурҳои асосии нооромсозии суботи миллӣ ва амнияти минтақавӣ табдил ёфтаанд (саҳ.28 диссертатсия).

Муаллиф қайд менамояд, ки барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (м.м.307[1], 307[2], 307[3], 307[4] **КҶ ҶТ**) муайян намудани мафҳуми «экстремизм» аҳаммияти хос дорад. Зеро бе муайян кардани мафҳуми экстремизм дар рафти таҳқиқот ба вуҷуд омадани нофаҳмӣ аз эҳтимол дур нест. Таҳлили илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, илмҳои сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ гувоҳи он аст, ки то ҳол мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм дар арсаи ҷаҳон вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф мафҳуми экстремизмро аз се нуқтаи назар, яъне илм, санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст (саҳ.28-29 диссертатсия).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум муаллиф ба масъалаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгарой) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ диққати махсус додааст. Дар доираи ин зербоб муаллиф қонунгузориҳои давлатҳои пасошӯравӣ, аз қабили Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Беларус, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон, Туркманистон ва Федератсияи Россияро дар ин самт мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо экстремизми динӣ ва дигар шаклҳои он ба таври фаъол рушд ёфт. Аммо афзоиши шумораи ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ дар даҳсолаҳои охир, ки дар як қатор кишварҳои аъзои ИДМ ба вуқуъ пайвастанд, ҳукуматҳои ин давлатҳоро водор сохтанд, то дар қонунгузории ҷиноятии худ муқаррароти мушаххас ҷиҳати муқовимат бо ин зуҳурот ворид намоянд. Таҳлил нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии давлатҳои

аъзои ИДМ дар мубориза бо экстремизм ва терроризм самти фаъолона гирифта, ба тағйироти доимӣ мувофиқи таҳдидҳои муосир ниёз дорад. Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар доираи ИДМ барои тақвияти самаранокии ин тадбирҳо нақши муҳим мебозанд (саҳ.63 диссертатсия). Авҷ гирифтани экстремизм дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, ташаккул ва фаъолияти бесобиқаи ташкилоту гурӯҳҳои экстремистӣ такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти зидди экстремистиро тақозо мекунад. Таҳияи шакли муассири рушди низоми миллии ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, бешубҳа, бидуни омӯзиши қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва муайян кардани афзалиятҳо ва нуқсонҳои он ғайриимкон аст (саҳ.65 диссертатсия).

Муаллиф дар консепсияи илмии худ асоснок намудааст, ки қонунгузории миллии давлатҳои ИДМ дар самти муқовимат ба экстремизм дар маҷмуъ ба таври кофӣ мукаммал нест, равишҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолият оид ба муқовимат ба экстремизмро дар бар мегирад ва бо асноди бунёдии байналмилалӣ ба таври кофӣ мутобиқ карда нашудааст. Новобаста аз мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба мубориза бо экстремизм равона шудаанд, муҳтавои онҳо на ҳамеша ба таҳдидҳо ва чолишҳои замони муосир ҷавобгӯ буда, инчунин бо санадҳои муҳими байналмилалӣ мувофиқати кофӣ надоранд. Аз ҷумла, дар амалияи татбиқи қонунгузорӣ холигиҳо, номувофиқати як қатор меъёрҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва фарқиятҳо дар таърифи мафҳумҳо ва механизмҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм мушоҳида мегардад. Ин омилҳо зарурати такмили ҳамаҷонибаи қонунгузории кишварҳои узви ИДМ-ро бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, равандҳои муосир ва стратегияи муассири мубориза бо экстремизм нишон медиҳанд.

**Боби дуюми** таҳқиқоти мазкур таҳти унвони «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии унсурҳои таркиби ҷиноятии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» масъалаҳои муҳим марбут ба унсурҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти баррасишаванда ба таври муфассал ва системавӣ таҳлил гардидааст.

Дар зербоби аввал, таҳти унвони «Таҳлили объекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», масъалаҳои назариявию амалии муайян кардани объекти таъсири ҷиноятӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки объект имкон медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиршудаи барои ҷамъият муайян гардад ва мазмуну моҳияти иҷтимоӣ - сиёсии он равшан шавад. Маҳз тавассути объекти ҷиноят, манфиатҳо ва арзишҳое, ки мавриди ҳимояи ҳуқуқӣ қарор доранд, муайян карда мешаванд. Ин унсур на танҳо мазмуни иҷтимоии ҷиноятро равшан мекунад, балки барои дуруст ва аниқ бандубаст кардани ҷинояти мушаххас низ нақши калидӣ мебозад (саҳ.85 диссертатсия).

Муаллиф объекти хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро чунин шарҳ додааст: Ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии ҷиноят ин низоми мақомот ва ниҳодҳоест, ки дорои ваколатҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар самти идоракунии давлат ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад (саҳ.93 диссертатсия). Объекти намудии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм бо ҳамдигар мувофиқат мекунанд ва онро асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ташкил медиҳад, зеро чун анъана объекти намудӣ бо номи боби қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқ меояд ва ҷинояти таҳқиқшаванда дар боби 29 КҶ ҶТ, ки «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои

сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ» ном дорад, муқаррар гардидааст (саҳ.94 диссертатсия). Объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки баҳри устувор нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ равона шудаанд (саҳ.108 диссертатсия).

Зербоби дуюми ин боб «Таҳлили тарафи объективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии ном дошта, дар он муаллиф ҷанбаҳои асосии тарафи объективии ҷинояти мазкурро таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба кардааст. Дар ин раванд муаллиф кирдорҳои таркиби тарафи объективии м. 307¹ КҶ ҶТ - ро таҳлил

Дар рафти таҳлил ба масъалаи муайян кардани мафҳумҳои «даъвати оммавӣ», «фаъолияти экстремистӣ» ва «сафедкунии оммавии экстремизм» диққати махсус дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо тавассути ВАО, инчунин, он метавонад тавассути варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома, китобчаҳо ва дигар шакли нашрҳо ба амал бароварда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳи «ВАО» дар қ.2 м.307¹ КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо» илова карда шавад (саҳ.157 диссертатсия).

Дар умум, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар ин зербоб ба таври мукаммал масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба тарафи объективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро боз мекунанд. Ин натиҷаҳо барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва таъмини самаранокии мубориза бо ин навъи ҷиноят аҳаммияти назаррас

доранд. Таҳқиқоти мазкур барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта, дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Зербоби сеюми ин боб «Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва ном дошта, дар он муаллиф субъект ва тарафи субъективии м.307[1] КҶ ҶТ - ро таҳлил намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО (саҳ.170 диссертатсия). Тарафи субъективии ҷинояти дар м.307[1] КҶ ҶТ пешбинишуда танҳо бо қасди бевосита ифода меёбад. Ин маънои онро дорад, ки шахс бо шуурнокӣ ва иродаи равшан амал мекунад: 1. Шахс дарк мекунад, ки даъватҳои ӯ ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ё сафед кардани экстремизм ҳидоят менамоянд; 2. Шахс хоҳони он аст, ки ин амалҳо аз ҷониби дигарон содир шаванд. Қасди бевосита дар чунин ҳолатҳо ба он ишора мекунад, ки шахс на танҳо моҳияти кирдори худ, балки оқибатҳои иҷтимоии онро низ пурра дарк мекунад ва мехоҳад, ки ин оқибатҳо ба вуқуъ пайванданд. Ин хусусият тарафи субъективии ҷинояти мазкурро аз кирдорҳои ғайриқасдӣ ё беэҳтиётӣ фарқ мекунад ва дар асоси он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мегардад (саҳ.172 диссертатсия).

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар зербоби сеюм аз назари илмӣ ва амалӣ муҳим буда, тавсияҳои муаллиф ҷиҳати мушаххас намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти даъвати оммавӣ барои

амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм аз аҳамияти назаррас бархӯрдоранд.

Хулосаи диссертатсияи мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои марбут ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли 15 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 4 банди ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Аз ҷумла, аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар равшан сохтани моҳияти мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқии марбут ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти мазкур мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ ва мушаххас намудани аломатҳои объективию субъективии ҷинояти дар м.307[1] - и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда зоҳир мегардад. Ин таҳқиқот аввалин кори илмии мукаммалест, ки масъалаҳои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро дар сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ менамояд. Бо истифода аз равишҳои муқоисавию таҳлилӣ муаллиф тавонистааст, ки камбудиҳои ҷойдошта ва нуқтаҳои баҳсталабро дар низоми танзими ҳуқуқии ин соҳа ошкор созад.

Аз тарафи дигар, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо тавсияҳои мушаххасе ҳамроҳ шудаанд, ки ба такмили моддаи 307[1]-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Муаллиф тавсия медиҳад, ки моддаи мазкур бо иловаҳои муҳим, аз ҷумла аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир

гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, такмил дода шаванд. Ин пешниҳодҳо метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, дуруст татбиқ шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти макомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз равиши комплексӣ масъалаҳои ҷинояти марбут ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои марбут ба мавзӯи мазкур заминаи боэътимоди назариявию методологӣ фароҳам меоранд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқие, ки ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм алоқаманданд, равшан ва дақиқ карда шаванд. Ин таҳлилҳо ба пайдоиши тасаввуроти нав дар бораи маҷмуи василаҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои мубориза бо ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда замина мегузоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ин таҳқиқот дорои аҳаммияти назарраси назариявӣ ва амалӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амнияти давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 21 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф ҳангоми баррасӣ кардани аломатҳои тарафи объективии моддаи $307^1$ КҶ ҶТ ба мазмуну моҳияти Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани илова ба КҶ ҶТ» аз 14 майи соли 2025, №2169 вобаста ба декриминализация кардани гузоштани «лайк» диққати махсус матраҳ накардааст;

2. Истилоҳи «фаъолияти экстремистӣ» мазмуни комплексӣ дошта, маҷмуи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва кирдорҳои маъмурии

хусусияти экстремистидоштаро дар бар мегирад, ки аз нуқтаи назари илми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷойгузин будани он дар доираи меъёри мушаххаси КҶ ҶТ баҳспазир ва боиси мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, вобаста ба масъалаи мазкур мавқеи муаллиф дар рафти ҳимояи ошкоро асосноккунии иловагиро тақозо менамояд;

3. Моддаи 307 КҶ ҶТ бо моддаи 307[1] КҶ ҶТ дар рақобати шаддид ва аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле баҳсбарангез қарор доранд, аммо аз ҷониби муаллиф таносуб, монандӣ ва фарқияти онҳо мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст, ки масъалаи мазкур равшанамоии мавқеи муаллифро талаб менамояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ хеле баҳспазир буда, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи пешгирии
ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини
бехатарии ҷамъиятии факултети №6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. Муҳаммадиев 64.
Тел.: (+992) 93 113-85-23

Имзои Сафарзода Ҳ.С. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: Муассисаи таълимии таҳсилоти
олии касбии «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон»,
734024, ш. Душанбе, кӯч. М. Мастонгулов, 3.
Тел.: +(992) 37 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92;
факс: +(992) 37 226-60-43; сомона: www.avkd.tj;
E-mail: avkdtj@mail.ru.

«16» августи 2025сол